ХУЛОСАИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Парвандаи аттестатсионии №____

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 24-уми сентябри соли 2020, №11**

Барои сазовор донистани Солеҳов Мирзо Одинаевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Солеҳов Мирзо Одинаевич дар мавзӯи «**Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форсу тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, рӯзи 28-уми марти соли 2020 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Фармоиши комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2020, №61) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Солеҳов Мирзо Одинаевич 15-уми марти соли 1950 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1973 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Айни ҳол дар вазифаи дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Мушовири илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ**.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа;
2. **Салихов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;
3. **Давлатбеков Лоло Мирзоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор А. Сатторов имзо ва аз ҷониби директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, дотсент

Б.Шарифзода тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Солеҳов Мирзо Одинаевич дар мавзӯи **«Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик»** аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои баланд буда, ба бандҳои 10-16 Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, оид ба мавзӯи диссертатсия наздик ба 30 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, унвонҷӯ Солеҳов Мирзо Одинаевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну мухтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф наздик ба 30 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

[1-М]. Солеҳов, М. Оҳангҳои эътирозӣ дар қасоиди Саноии Ғазнавӣ / М. Солеҳов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе : Сино, 2015. – №4/10 (187). – С. 144-148.

[2-М]. Солеҳов, М. Ҳаким Саноӣ ва истиқболи ашъори Рӯдакӣ / М. Солеҳов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №3. – С. 196-200.

[3-М]. Солеҳов, М. Ҳақиқати масъалаи як қасидаи мансуб ба Саноӣ / М. Солеҳов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе : Сино, 2019. – №4. – С. 146-149.

[4-М]. Солеҳов, М. Симои занон дар "Ҳадиқат-ул-ҳақиқат"-и Саноӣ / М. Солеҳов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – Бохтар: Матбаа, 2019. – №1- 4 (68). – С. 5-9.

[5-М]. Солеҳов, М.О. Муаммои вазни маснавиҳои Саноӣ / М. Солеҳов // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2019. – №4 (61). – С. 74-78.

[6-М]. Солеҳов, М.О. Гиромидошти фарҳанги хонаводагӣ аз диди Ҳаким Саноӣ / М. Солеҳов // Фарҳанг ва санъат. – Душанбе, 2019. –№4. – С.18-21.

[7-М]. Солеҳов, М. Вазъи назми тасаввуфӣ то замони Ҳаким Саноӣ / М. Солеҳов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №8. – С. 192. -196.

[8-М]. Солеҳов, М. Ҳаким Саноӣ – бунёдгузори назми тасаввуфӣ / М. Солеҳов // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2019. – №3. – С. 115-121.

[9-М]. Солеҳов, М. Оғози пайдоиши назми тасаввуфӣ / М. Солеҳов // Паёми донишкадаи забонҳо. (Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих, фалсафа). – Душанбе, 2019. –№4 (36). – С. 65-72.

[10-М]. Солеҳов, М.О. Инъикоси зиндагиномаи Саноӣ дар ду асари ӯ / М. Солеҳов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. – №5 (82). – С. 172 – 175.

[11-М]. Солеҳов, М. Навоварии Саноии Ғазнавӣ дар шаклу мундариҷаи назми тасаввуфии форсу тоҷик / М. Солеҳов // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2019. – №4. – С. 103-116.

[12-М]. Солеҳов, М. Ҳадиқа нахустин асари ирфонӣ-таълимӣ / М. Солеҳов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. – №6 (83). – С. 276 – 281.

[13-М]. Солеҳов, М. Тағйири ҳол ва таъсири он дар шеъри Саноӣ / М. Солеҳов // Ахбори ДДҲБСТ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ). – Хуҷанд, 2020. – №1 (82). – С. 34-40.

[14-М]. Солеҳов, М. Таъсири Ҳаким Саноӣ дар инкишофи назми тасаввуфӣ / М. Солеҳов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С. 206-212.

[15-М]. Солеҳов, М. Оид ба масъалаҳои методологии омӯзиши назми тасаввуфии Саноии Ғазнавӣ / М. Солеҳов // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2020. – №1 (62). – С.65-69.

[16-М]. Солеҳов, М. Шеър аз нигоҳи Ҳаким Саноӣ / М. Солеҳов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – Бохтар: Матбаа, 2020. – №1/1 (71). – С. 5-9.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расонида шудаанд:**

[1]. Солиҳов М. Ёдгори хирад чунин бошад... Пешгуфтор бар китоби "Дар боғи рӯшноӣ" / М. Солиҳов: баргузидаи "Ҳадиқат-ул-ҳақиқа". Интихоб ва тавзеҳи доктор Аҳмад Маҳдавии Домғонӣ. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 225 с.

[2]. Солиҳов, М. Зиндагиномаи Ҳаким Саноии Ғазнавӣ / М. Солиҳов: дар китоби "Дар ҳарими сухансанҷӣ"; маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – С. 36-51.

[3]. Солиҳов, М. Ҳақиқати масъалаи як қасидаи мансуб ба Саноӣ / М. Солиҳов: дар китоби "Дар ҳарими сухансанҷӣ"; маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – С. 82-89.

[4]. Солиҳов, М. Ҳамгунии авзони маснавиҳои Саноӣ ва сабабҳои он / М. Солиҳов // Илм ва фановарӣ. – Душанбе: Сино, 2014. – №3. – С. 233-237.

[5]. Солиҳов, М. Саноишиносӣ дар Тоҷикистон / М. Солиҳов. Дар китоби "Шӯридае дар Ғазна": бо эҳтимоми М. Футуҳӣ ва А. Муҳаммадхонӣ. – Теҳрон: Сухан, 1385. – С. 261-265.

[6]. Солихов М. "Калила и Димна" и его исторический путь до XУ века / М. Солихов // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2015. – 4/10 (187). – С. 256-266.

[7]. Солиҳов М. Тавзеҳи ҳикоёту муштаракоти муаллиф бар "Ҳадиқа" // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашни "25-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон". – Душанбе, 2016. – С. 399.

[8]. Солиҳов, М. Арзиши шарҳиҳолии маснавиҳои Ҳаким Саноӣ / М. Солиҳов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии устодону кормандони ДМТ бахшида ба 10 солагии байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028", "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", "140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ" ва "70-солагии ДМТ" / М. Солиҳов. – Душанбе, 2018. – С. 286-297.

[9]. Солиҳов М. Назари Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба шеър / М. Солиҳов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №5. – С. 181-186.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ Қаландариён Ҳоким Сафар дар тақризи худ чаҳор маврид эрод пеш овардааст, ки бештар ба баҳси марҳалаи таҳаввули адабиёти тасаввуфӣ ихтисос дорад: 1) "Метавои дарёфт, ки Ҳаким Саноӣ беш аз ҳар шоири андешаманди дигар ба масъалаи ақл пардохта ва аз дидгоҳҳои мухталиф онро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф дар қисматҳое, ки ба таҳқиқи авомили сиёсӣ-таърихӣ ва маншаъҳои иҷтимоӣ-фарҳангии зуҳури шеъри тасаввуфӣ-ирфонӣ ва баррасии масоили марбут ба омилҳои мафкуравии зуҳури назми тасаввуфӣ пардохтааст, дар бораи таъсири таълимоти ду ҷараёни машҳур: муътазалия ва ашъария ба андешаи шоир чизе нагуфтааст, зеро баҳрабардории Саноӣ аз афкори фалсафӣ-динии андешамандони ин ду таълимот дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ равшан аст; 2) Муаллифи рисола дар бораи таъсири осори Ҳаким Саноӣ ба адабиёти давр ва таҳаввули баъдинаи назми тасаввуфӣ муфассал изҳори назар менамояд, аммо дар бораи ашъори қаландаронаи баъд аз Саноӣ, ки бахше аз адабиёти минбаъда дар забону адаби форсии тоҷикӣ ба шумор меояд, андеша нарондааст, ҳарчанд корбурди мазомини қаландарӣ дар адаби форсии тоҷикӣ ба рӯзгори пеш

аз Саноӣ низ бозмегардад; 3) Маълум аст, ки аҳли тасаввуф забони асиле ба вуҷуд овардаанд, ки, дар ҳақиқат, забони таҷрибаи ирфонӣ аст ва ин забон ба ду навъ – забони иборат ва ишорат тақсим мешавад. Хуб мебуд, агар муаллиф ба забони иборату ишорати Ҳаким Саноӣ фасли алоҳидае ихтисос медод; 4) Забон ва сабки нигориши муаллиф дар рисола шоёни такдир аст, аммо касрати истифода аз вожаҳои арабӣ ҳусни онро то андозае мекоҳонад.

Дар тақризи дигар, ки  аз доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич мебошад, бо таъкид ба устувории ҷанбаи илмии таҳқиқ,  риоя гардидани қонуни қавоиди таълифоти илмии муҳақикро дар рисолаи докторӣ баён намудааст. Дар тақризи профессори донишгоҳи давлатии Бохтар Тағоймуродов Рустам ду нуктаи эроддор қайд гардидааст, ки якеаш ишора ба “Роҳ ёфтани ғалатҳои имлоӣ дар рисола” ва дуюм, “аз фишурда берун мондани баъзе таҳқиқотҳои соҳа” мебошад.

Дар тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Ҷумъабой Ҳамроҳ аҳамияти илмию назарии рисолаи доктории М. Солеҳов баррасӣ гардида, тозакориҳои илмӣ дар соҳаи адабиётшиносӣ баршумурда шудааст.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳамияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки унвонҷӯ Солеҳов Мирзо Одинаевич тавъам бо иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

бо истифода аз назарияҳои маъмул ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии расмшуда ба таҳлилу таҳқиқи мавзӯи Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форсу тоҷик пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро ба анҷом расонидааст. Таҳқиқи масъалаи мазкур дар асоси девони Ҳаким Саноӣ дар тадвини интиқодии Мударриси Разавӣ [Теҳрон, 1320; 1336], Мазоҳир Мусаффо [Теҳрон, 1336], Маснавиҳои Ҳаким Саноӣ [нашри Мударриси Разавӣ, Теҳрон: Бобак, 1348; 1360], ахбори сарчашмаҳои адабию таърихӣ, осори илмӣ-назариявии асримиёнагӣ, давовини шуарои то Ҳаким Саноӣ ва осори мутасаввифону орифони эҷодкори салаф бори аввал аз нигоҳи интиқодӣ дар адабиётшиносии тоҷик **коркард карда шудааст.**

Пажӯҳиши рӯзгору ашъори Ҳаким Саноӣ, шохисияти симои эҷодӣ ва кашфи қареҳаи тозакору навовар дар каломи ҳунарӣ, кашфи инқилоби фикрӣ ва фурӯравӣ ба ботин ё сирати инсон буда, ғараз аз таҳқиқи рӯзгору осори Ҳаким Саноӣ танҳо барқарорсозии зиндагиномаи илмӣ ва ошкор сохтани кашфиётҳои адабии ӯ буда, беш аз он шохиссозии самтҳои мавзӯӣ, тамоюлҳои фикрии як тан эҷодкори асримиёнагии ориф мебошад. Дар заминаи таҳқиқи марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форсу тоҷик, вобаста ба таҳаввулоти бунёдии фикрӣ,

тафаккурсозӣ, инқилобгарии сиратӣ ва давронсозии мутафаккири эҷодкоре чун Саноии Ғазнавӣ ҷиддитарин навҷӯиҳо, пурвусъаттарин қиёсу тарҷеҳи орову андеша, асолати ҳунарию фардияти эҷодии адиб **пешниҳод шудааст.**

Саноии Ғазнавӣ бо манзури дарунмоясозӣ дар анвои лирикии қасида, ғазал, қитъа, шеъри тасмит, тарҷеъоту таркибот, рубоиёт кашфиётҳои бунёдӣ карда, онҳоро тараққӣ додааст. Минбаъд ин хидмат вусъат пайдо карда, каломи ҳунарии нобро ба вуҷуд овард ва асрҳои XII-XIII асрҳои тиллоии тасаввуфи исломӣ ва рафъати каломи хунарии он дониста мешавад. Зеро Авҳадии Мароғаӣ, Аттори Нишопурӣ, Фахруддини Ироқӣ, Ҷалолиддини Балхӣ дар ин роҳ симоҳои беназиранд, ки дар таърихи адабиёт **исбот шудааст**.

Масъалаҳои таъйини навовариҳои Саноӣ дар шаклу мундариҷаи назми тасаввуфӣ ва ташаккули каломи ҳунарии ботингарову тафаккурсоз тавассути осори Ҳаким Саноӣ ва нуфузи он ба адабиёти давр ва таҳаввули баъдинаи назми тасаввуфӣ **хуб мушаххас шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** Ҳаким Саноӣ тавассути девони ашъор ва маснавиҳои ирфонӣ ва таълимию ахлоқӣ назарияи тафаккури нави адабиро поя гузошт, ки чунин ҷанбаи назарӣ то ӯ вуҷуд надошт.

Саноии Ғазнавӣ шакли қолиби назарияи нодиру тафаккурсози маърифати каломи бадеиро бунёд гузошт, ки он натанҳо ба ташаккули назми тасаввуфӣ дар асри худи шоир, балки ба адабиёти даврахои баъдӣ таъсири ҳамешагӣ расонид. Назарияи раванди мазкур дар диссератсия таҳқиқ шудааст ва омилҳои ҳамаҷонибаи таҳаввули он басо мудаллал мушаххас карда шудааст.

Дар диссертатсия исбот шудааст, ки бори аввал Саноии Ғазнавӣ ба сифати адиби мухтареъ ва кашшоф бо ибтикороти худ дар зуҳури адабиёти тасаввуфӣ-ирфонӣ бунлод ба ҷовидон гузошта, ба каломи ҳунарии ботингарову андешамеҳвар поягузорӣ кардааст.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзӯъ осори илмиву назарии муҳаққиқони барҷастаи ватанию хориҷӣ, аз қабили Р. Ҳодизода, А. Мирзоев, А. Афсаҳзод, Э. Браун, М. Бахтин, Ш. Ҳусейнзода, Е. Э. Бертелс, В. М. Жирмунский, Т. Бройн, И. Баузани, Л. Рейснер, Ш. Кадканӣ, А. Зарринкӯб, Б. Фурӯзонфар, А. Корбен, Р. А. Николсон, С. Нафисӣ, Тақии Пурномдориён, Насруллоҳи Пурҷаводӣ, М. Қазвинӣ, Лутфалии Суратгар, Х. Шарифов, А. Сатторзода, Р. Мусулмониён, М. Ҳиравӣ, Б. Максудов, А. Абдусаттор, Ш. З. Сӯфиев, М. Нарзиқул, М. Низомов ва бисёр дигарон дар ҳалли бисёр масоили назарӣ **омӯхта шудаанд.**

Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки зимни таҳқиқи рӯзгору осори Саноии Ғазнавӣ ва қиёси ҷанбаҳои назарӣ дар таъсири мутақобилаи ислому ирфон, бо суннатҳои устувори анвои адабии лирикӣ ва достонӣ, зуҳури ирфони назарӣ созгор мебошад ва дар

ҳамин замина пайдо шудани шакли нави каломи ҳунарӣ, таҳқиқи асосҳои назарии ташаккулу таҳаввули он ва мақоми шоири ориф дар ин марҳалаи нави адабӣ аз масоили марказии назариявии таҳқиқот ба шумор меравад.

Дар диссертатсия аз принсипи хронологӣ-таърихӣ ва таҳқикӣ-қиёсӣ **истифода бурда шудааст.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** мундариҷаи диссертатсияро чун маводи омӯзишӣ ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёти форс-тоҷик ва хосса, таърихи адабиёти тасаввуфӣ-ирфонӣ ва таҳқиқи рӯзгору осори симоҳои адабӣ ва мушаххассозии пояи эҷодии орифони эҷодкор метавон истифода кард. Ҳамчунин, барои таҳқиқу муайян намудани проблемаи суннат ва тозакориҳо, ё худ таъсиргузориву таъсирпазириҳо, анъанаву навовариҳо дар каломи адабӣ-ҳунарии форс-тоҷик мавриди истифода қарор дода шавад. Бахусус, «Ҳадиқа» ҳамчун нахустин асари таълимӣ-ирфонӣ сабаби зуҳури кулли маснавиҳои тасаввуфӣ-ирфонӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик гардидааст.

Дар диссертатсия бори аввал оид ба мавқеи «Ҳадиқа»-и Ҳаким Саноӣ ва нуфузи он ба нахустмаснавиҳои таркиби 55 хамсаи таърихи адабиёт баҳс ба миён оварда шудааст, ки комилан падидаи нодир дар илми адабиётшиносӣ мебошад ва дар ин замина мавқеи шоири ориф Ҳаким Саноии Ғазнавӣ дар таҳаввулу инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик **муайян карда шудааст.**

**Ғоя** дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори донишмандони соҳа, аз қабили Л. Массинон, Е. Э. Бертелс, Р. Николсон, И. П. Петрушевский, М. Т. Степанянс, А.Зарринкӯб, Р. Ҳодизода ва дигарон **асоснок карда шудааст.**

Дар рисола асарҳо ва таҳқиқотҳои Е. Э. Бертелс, А. Зарринкӯб, А. Е. Кримский, А. Массинон, Т. Бройн, Р. Николсон, Мир Валоддин, Г. Э. Грюнебаум, Э. Браун, А. Ҷ. Арберри, С. Нафисӣ, Ян Рипка, Ш. Нуъмонӣ, Қ. Ғанӣ, К. Олимов, Ҳ. Корбин, Р. Ҳодизода, М. Ҳазратқулов, Х. Мирзозода, З. Сафо, осори гаронарзиши Саноии Ғазнавӣ, девони шоирони пеш аз ӯ ва минбаъда **истифода шудаанд.**

Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ нақши Саноӣ дар зуҳуру ташаккул ва мароҳили рушди ашъори тасаввуфӣ-ирфонӣ, ҳамчун каломи давронсоз, ифодаи ҳунарӣ ва устуворшавии рушди он дар таърихи адабиёти форс-тоҷик **муайян шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати даҳ сол дар баробари фаъолияти таълимӣ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ба гурӯҳҳои муайян ва навиштани кори илмӣ машғул гардида, дар ин самт мақолаҳо таълиф намуда, дар конференсияҳои сатҳи гуногун низ суханронӣ кардааст.

Унвонҷӯ муаллифи зиёда аз 300 мақолаи илмӣ-оммавӣ мебошад, ки аз ҷумла 16 мақолаи марбут ба кор дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласа 24 сентябри соли 2020 Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, рӯзи дар бораи ба Солеҳов Мирзо Одинаевич додани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 6 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуд. Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Гулназарова Жилло бинобар сабаби номзади илмҳои филологӣ будан тибқи банди 164-и Низомнаи намунавии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда наметавонад.

Аз 20 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда, овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси Шӯрои
диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Гулназарова Ж. Б.